# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-003 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОСИ 08.00.08 – БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА АУДИТ

**Парвандаи аттестатсионии №___**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 10-уми майи соли 2025, № 110**

Барои сазовор донистани Икромова Малоҳат Холовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит.

Диссертатсияи Икромова Малоҳат Холовна дар мавзуи “Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит санаи 08-уми феврали соли 2025, суратмаҷлиси №100 аз тарафи шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17), ки он дар асоси фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2021, №349 таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Икромова Малоҳат Холовна 30 сентябри соли 1989 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Икромова Малоҳат Холовна соли 2006 ба факултети соҳибкорӣ, муҳандисӣ ва менеҷменти Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ дохил шуда онро соли 2012 аз рӯйи ихтисоси 060804 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар энергетика хатм намудааст. Соли 2021 ба ҳайси омӯзгор-коромӯз ба кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар сохтмони ДТТ ба номи академик М.Осимӣ ба кор қабул шуда баъдан ба вазифаи ассистенти кафедраи номбурда гузаронида шудааст. Аз соли 2022 ба ҳайси Раиси Шурои кор бо занони Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ фаъолият намуда истодааст.

Икромова Малоҳат Холовна солҳои 2021-2025 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар сохтмони ДТТ ба номи академик М.Осимӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит қабул гардида, дар ин муддат кори илмиро дар шакли таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи: “Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ” иҷро кардааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Низомов Самариддин Фахриевич** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Шарифов Зариф Раҳмонович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;

**- Розиев Дилшод Астанакулович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, Сармуҳосиби ҶДММ "ИСМ Тоҷикистон". Муқарризони расмӣ ба диссертатсия тақризҳои мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муқаррар карда шудааст. Тақризи муассисаи пешбар, ки аз тарафи эксперт – номзади илмҳои иқтисодӣ Ҳукматов Д.Ҷ. омода гардидааст, дар ҷаласаи васеи кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон 17 апрели соли 2025, суратмаҷлиси №9 муҳокима гардида, аз тарафи раисикунандаи ҷаласа мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Бобомуродов Б.Э. имзо гардида, бо имзои ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Абдуалимзода А.Ҳ. 22 апрели соли 2025 тасдиқ карда шудааст.

Дар тақризи пешниҳодшуда хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсия бо меъёрҳои муқарраршуда оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар Шурои диссертатсионӣ ва талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Диссертатсияи Икромова Малоҳат Холовна кори илмии мустақилона анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, дорои навгонии илмӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ мебошад.

Гуфтаҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки диссертатсияи Икромова Малоҳат Холовна дар мавзуи "Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ" бо талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) мутобиқат менамояд ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мебошад.

Довталаб 11 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз онҳо 6 мақола ба маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ доранд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия**

**А. Мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашргардида**


[1]. Икромова М.Х. Мафҳум ва моҳияти назорати идоракунӣ дар низоми идоракунӣ [матн] / М.Х. Икромова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2023. – №10. Қисми I. – С. 207-214. ISSN 2413-5151.

[2]. Икромова М.Х. Ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар сохтмони саноатӣ [матн] / М.Х. Икромова, Д.Т.Расулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №12. – С. 73-84. ISSN 2413-5151.

[3]. Икромова М.Х. Ҷанбаҳои назариявии баҳисобгирии идоракунӣ дар соҳаи сохтмон: таҷрибаи ҷаҳон ва Тоҷикистон [матн] / М.Х. Икромова // Паёми Политехникӣ: бахши Интеллект. Инноватсия. Инвеститсия - 2023. - №2 (62) - Саҳ. 58-63. ISSN 2520-2235.

[4]. Икромова М.Х. Хусусиятҳои технологӣ ва ташкилии истеҳсолоти сохтмонӣ ва таъсири он ба ташкили баҳисобгирӣ [матн] / М.Х. Икромова // Паёми Политехникӣ: бахши Интеллект. Инноватсия. Инвеститсия – 2023. – №3 (63) – С. 60-67. ISSN 2520-2235.

[5]. Икромова М.Х. Ташкили назорати дохилӣ аз руи объектҳои сохтмон дар ташкилоти сохтмонии саноатӣ [матн] / М.Х. Икромова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – № 4/1 (49) – С. 48-57. ISSN 2308-054X.

[6]. Икромова М.Х. Буҷетсозӣ ҳамчун асоси ташкили баҳисобгирии идоракунӣ аз рӯи сегментҳо дар корхонаҳои сохтмонӣ [матн] / С.Ф.Низомов, И.А.Бобиев, М.Х. Икромова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – 2024. – №2. – С.75-87.


**Б. Мақола ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаи маводи конференсияҳо**


[7]. Икромова М.Х. Санъати меъории Осиёи Миёна дар асрҳои миёна / М.Х. Икромова // Маводи конфронсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Асосҳои иҷтимоӣ иқтисодӣ ва ташкилӣ-техникии рушди комплекси сохтмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (22 майи соли 2021). - Душанбе: ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ, 2021 - С. 218-222

[8]. Икромова М.Х. Ташаккули усулҳои баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар шикатҳои сохтмонӣ / М.Х. Икромова // Конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Самтҳои стратегии соҳибкории инноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ” (25 ноябри соли 2022). Душанбе, ДБССТ, 2022. – Саҳ. 306-308.

[9]. Икромова М.Х. Таҳлили методологии шароити макроиқтисодӣ ва дараҷаи техникию ташкилии фаъолияти ширкатҳои сохтмонӣ [Матн] /Ш.Р. Орифова, М.Х. Икромова/ Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 80-солагии Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Уроқов

Д.У. дар мавзуи «Иқтисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» (Қисми 1) (21-23 юми майи соли 2022) / зери назари д.и.и., проф. Хушвахтзода Қ.Х. – Душанбе, матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2022.- Саҳ. 122-127

[10]. Икромова, М.Х. Ҷанбаҳои ташкилии баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ [Матн] / М.Х. Икромова / Маводи конфронси I илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил, аудит, андозбандӣ, назорати давлатии молиявӣ: таҳдидҳои муосир ва самтҳои рушд» (19-20 январи соли 2024) / зери назари д.и.и., проф. Хушвахтзоа Қ.Х. – Душанбе, матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2024. - Саҳ. 94-105.

[11]. Икромова М.Х. Ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои соҳаи сохтмон / М.Х. Икромова, Ш.Р. Орифова, Абдуллоев Д.Ҷ // Маводи конфронсияи IX байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Илм- асоси рушди инноватсионӣ” (18-19 апрели соли 2024). Душанбе: ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ, 2024 - Саҳ. 90-94.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

1. **Давлатов А.А. –** н.и.и., и.в. дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии Тиҷорати Тоҷикистон бо чунин эрод:

– сатҳи марказҳои масъулият бо мақсади ташкили баҳисобгирии сегментӣ, ки муаллиф дар расми 5 барои ширкатҳои сохтмонӣ пешниҳод кардааст, хеле мураккаб ба назар мерасад. Ба андешаи мо, агар он ба таври соддатар ва умумӣ тасвир меёфт, он барои хонанда боз ҳам фаҳмотар мегашт.

2. **Сайисмонов Р.С.** – н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон бо чунин эрод:

– дар автореферат баъзе ҳисобҳо дар таркиби ҳисоби 10730 - "Истеҳсолоти нотамом" кушода шудааст, аммо шарҳу тавзеҳи ин ҳисобҳо дида намешавад.

3. **Ойматов Б.Ш.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити ДДОТ ба номи С.Айнӣ бо чунин эрод:

– аз тарафи муаллиф ташкили марказҳои масъулият дар ширкатҳои сохтмонӣ бо мақсади ташкили баҳисобгирии сегментӣ оварда шудааст, аммо самаранокии иқтисодии онҳо дар автореферат муайян карда нашуддаст.

4. **Зокирхонзода М.З.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш.Хӯҷанд бо чунин эрод:

– дар автореферат ҷадвали 2. с-27 ҳисоботи роҳбарони марказҳо (сегментҳо)-и хароҷоти дорои сатҳҳои гуногун, оварда шудааст, аммо татбиқи он дар мисоли ширкатҳои сохтмонии ватанӣ, аз ҷумла тартиб ва пешниҳоди ҳисоботи идоракунӣ бо дарназардошти талаботҳои истифодабарандагон баррасӣ нагардидааст.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ ва бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор доштан дар таҳқиқи масъалаҳои назария, методология ва ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур, қобилияти баланди баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсии ин мутахассисон барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани тадқиқоти илмӣ:**

- ***коркард карда шуд:*** ҷанбаҳои назариявии баҳисобгирии идоракунӣ омӯхта шуда, хулосаҳои муаллифӣ оид ба муайянкунии мафҳум ва таърифи баҳисобгирии идоракунӣ коркард карда шуд; ҳолати муосири баҳисобгирии идоракунӣ ва назорати фаъолияти асосии ширкати сохтмонӣ таҳқиқ карда шуда, ҷиҳати ташкили он аз рӯйи объектҳои сохтмон тавсияҳои методӣ коркард карда шуд; дар асоси таснифоти хароҷот, истифодаи ҳисобҳои муҳосибӣ ва истифодаи усулҳои дигари баҳисобгирии муҳосибӣ амсилаҳои баҳисобгирии хароҷот, ҳисоби арзиши аслӣ, бунёди назорати дохилӣ, хисобот аз рӯйи сегментҳо ва низоми буҷетсозӣ дар ширкатҳои соҳаи сохтмон коркард карда шуд.

- ***пешниҳод шудааст:*** бо мақсади тадбиқ кардани низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар амалияи ширкати сохтмонӣ бо дарназардошти хусусиятҳои пеш бурдани фаъолияти он пешниҳод карда шудааст, ки барои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар корхона зарур аст, ки сиёсати баҳисобгирии идоракунӣ бо нишон додани нақшаи ҳисобҳои муносиб, истифодабарии усулҳои махсуси баҳисобгирӣ ва баҳогузорӣ, намунаи шаклҳои ҳисоботи дохилӣ таҳия карда шавад. Тавсия карда шудааст, ки пеш бурдани баҳисобгирии идоракунӣ бо баҳисобгирии молиявӣ дар доираи нақшаи ҳисобҳои ягона бо равиши муттаҳидшуда ҳам аз ҷихати иқтисодӣ ва ҳам аз ҷиҳати ташкилӣ самараноктар мебошад;

- ***исбот шудааст***, ки маълумоти тайёршуда дар доираи баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ аз фаъолияти зербахшҳои тиҷоратии ширкат дарак дода, барои қабули қарорҳои идоракунӣ ба менеҷерон кӯмаки амалӣ мерасонанд. Тартибдиҳии ҳисоботи сегментӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ

дар ташаккули маълумоти баҳисобгирӣ оид ба вазъи истифодабарии захираҳо, натиҷаҳои фаъолияти марказҳои даромад, фоида ва худи ширкат дар маҷмуъ саҳм гузошта, ҳамчун низоми иттилоотии мукаммал зина ба зина ташаккул ёфтани маълумот ва ба роҳбарияти болоии ширкат пешниҳод гардидани онро таъмин менамояд. Он барои мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва назорати дохилӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ ҳамчун унсури пешқадам хизмат мерасонад

- ***асоснок карда шудааст:*** дар пояи таҳқиқот ва пешниҳодоти олимони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ оид ба мафҳум ва моҳияти назорат муайян карда шудааст, ки назорати идоракунӣ ин унсури муҳимми раванди идоракунӣ, омили идоракунӣ, заминаи появии қабули қарорҳо ва тадбиқи онҳо бо мақсади таъсиррасонӣ ба раванди идоракунӣ мебошад. Дар асл, ин амали бевоситаи назорат ҳамчун вазифаи идоракунӣ мебошад. Дар заминаи ин фарзияҳо мавқеи назорати идоракунӣ дар низоми идоракунии ширкати сохтмонӣ, самтҳои таъйиноти назорат дар фаъолияти амалӣ, усулҳо ва амалҳои назорати идоракунӣ, нақшаи ташкилӣ-методологии назорати идоракунии хароҷот, василаҳо (абзорҳо)-и методӣ барои назорати пешакӣ ва намудҳои ҳисобот оид ба назорати дохилӣ муайян ва асонок карда шудаанд;

**Аҳаммияти назариявии тадқиқот бо инҳо асоснок карда шудааст:**

- ***исбот карда шудааст***, ки то кунун оид ба масъалаи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ, хусусан масъалаҳои ҷузъии он – баҳисобгирии хароҷот ва ҳисоби арзиши аслӣ, ҳисоботи дохилӣ (сегментӣ) аз рӯйи объектҳои сохтмонӣ, буҷетикунонии фаъолияти истеҳсолии ширкати сохтмонӣ, ташкили имконии баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои соҳаи зикршуда аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ тадқиқоти васеъ анҷом дода нашудааст. Дар диссертатсияи мазкур барои бунёди асосҳои назариявӣ ва методии ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар самтҳои мазкури илми баҳисобгирӣ коркардҳои муаллифӣ, ки дорои арзиши баланди илмию аммалӣ мебошанд, пешниҳод карда шудаанд;

- ***усулҳои муосири*** омӯзиши муаммоҳо, руйдодҳо, амалиётҳои хоҷагӣ ва ҳодисаҳо, тарзҳои омӯзиши роҳҳои рушди фаъолияти хоҷагидорӣ ба монанди: усулҳои муосири таҳлил ва синтез (равиши системавӣ ва диалектикӣ), як қатор усулҳои махсус, ба монанди абстраксияи илмӣ, иқтисодӣ-оморӣ, ҳаммонандсозӣ, баҳодиҳии муқоисавӣ ва экспертӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, таърихӣ, мантиқӣ, гурӯҳбандӣ, инчунин усулҳои марбут ба баҳисобгирии муҳосибӣ, чун ҳисобҳои муҳосибӣ, навишти дутарафа, арзишмуайянкунӣ, ҳисоботдиҳӣ ва ғ. истифода бурда шудааст.

- ***баён гаштани*** аҳамияти иттилооти омодагашта вобаста ба объектҳои дохилии сохтмон дар доираи баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ, ки барои қабули қарорҳои идоракунӣ ба менеҷерон кӯмаки амалӣ мерасонад. Тартибдиҳии ҳисоботи сегментӣ дар ширкатҳои

сохтмонӣ дар ташаккули маълумоти баҳисобгирӣ оид ба вазъи истифодабарии захираҳо, натиҷаҳои фаъолияти марказҳои даромад, фоида ва худи ширкат дар маҷмуъ саҳм гузошта, ҳамчун низоми иттилоотии мукаммал зина ба зина ташаккул ёфтани маълумот ва ба роҳбарияти болоии ширкат пешниҳод гардидани онро таъмин менамояд. Он барои мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва назорати дохилӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ хамчун василаи пешқадам хизмат мерасонад.

- ***ошкор карда шудааст,*** ки вобаста ба намудҳои фаъолияти ширкати сохтмонӣ дуруст ба ҳисоб гирифтани хароҷот ва дақиқ ҳисоб кардани арзиши аслии объектҳо ва корҳои сохтмонию васлкунӣ яке аз вазифаҳои асосии баҳисобгирии идоракунӣ мебошад. Барои ташкили баҳисобгирии хароҷот ва муайян кардани арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) дар ширкатҳои сохтмонӣ аз талаботҳои дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳавии тасдиқшуда истифода намудан ҳатмӣ мебошад. Муайян карда шуд, ки дар ширкатҳои сохтмонӣ барои ташкили дурусти баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии корҳои сохтмонию васлгарӣ таснифи хароҷот ва истифодабарии усулҳои фармоишӣ, ABC (баҳисобгирӣ аз рӯйи фаъолиятҳо) ва дигарҳо ба ҳадафҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва тақсимкунии муносиби хароҷот байни объектҳои баҳисобгирӣ хеле мувофиқ аст

- ***омӯзиши*** сохтори ташкилию идоракунӣ ва истеҳсолии ширкати сохтмонӣ ҳамчун субъекти иқтисодӣ нишон дод, ки он бо хусусиятҳои мушаххас, ба монанди доштани хосиятҳои инфиродӣ, ба таври марҳилавӣ иҷрошавии корҳои сохтмонӣ, беназирӣ, тӯлонӣ будани давраи истеҳсолоти сохтмонӣ, махсусиятҳои иҷроиши корҳои сохтмонӣ вобаста ба иқлим ва релефи маҳал, истифодабарии таҷҳизотҳои махсус ва мураккаб фарққунанда мебошад. Ин хусусиятҳо барои истифода бурдани усулҳои махсуси баҳисобгирии хароҷот ва эътирофи даромад, ҳисоботи дохилихоҷагӣ, ҳамчунин ташкили назорат таъсири бевосита мерасонанд

- **аз нав такмил додани** методикаи ташкил ва омодакунии буҷетҳо дар ширкатҳои сохтмонӣ ҷавобгуйи талабот ба шароити нави хоҷагидорӣ, таркиби бозор, ки маҳсулот ва фаъолияти рақобатпазирро тақозо менамояд, амри зарурӣ мебошад. Вобаста ба ин банақшагирӣ ва буҷетсозӣ дар раванди идоракунии ширкатҳои сохтмонӣ аҳамияти хоса пайдо менамояд, ки ба унвонҷӯ муяссар гаштааст, тавсияҳои муаллифии хешро оид ба тартибдиҳии буҷетҳо бдар ширкати сохтмонӣ дар шакли накша ва ҷадвалҳо таҳия намояд. Истифодаи ин тавсияҳои методӣ барои таъмини фаъолияти самаранок, назорат аз рӯйи истифодабарии захираҳо, иҷроиши нақшаҳои гузошташуда, баҳодиҳии фаъолияти менеҷерҳо ва рушди бобарори ширкатҳои соҳаи сохтмон кафили устувор мебошад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

- ***аҳаммияти амалии*** тадқиқоти анҷомшуда дар он аст, ки натиҷаҳои назарраси онро дар вақти коркарди муқаррароти назариявию методӣ оид ба такмил додани низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ истифода бурдан мумкин аст. Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранокии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ аз рӯйи объектҳои сохтмонӣ ва дигар зерсохторҳои таркибӣ қайд карда шуда, намунаҳои ҳисоботҳои дохилии идоракунӣ коркард гардидааст, ки дар амалияи ширкатҳои сохтмонии ватанӣ онҳо метавонанд мавриди истифодабарӣ қарор гиранд;

**- натиҷаҳои тадқиқоти методологию** назариявии гузаронидашуда, ки дар шакли муқаррароти асосӣ, амсилаҳо ва тавсияҳои методӣ баён гаштаанд, метавонанд аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми тартибдиҳии ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, маъмурияти ширкатҳои сохтмонӣ зимни тадбиқ намудани баҳисобгирии идоракунӣ ва назорати дохилӣ истифода бурда шаванд. Тадбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳад, ки самаранокии низоми баҳисобгирӣ ва назорати идоракунӣ дар ширкатҳои сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардошта шавад;

**- коркард ва ҷорӣ карда шуд:** натиҷаҳои илмии диссертатсия ва тавсияҳои методии коркардшуда дар низоми баҳисобгирии муҳосибии ширкатҳои сохтмонии ватанӣ – ҶДММ ИИИ «Бехатарии саноатӣ» (маълумотномаи № 7 аз 19 феврали соли 2024), ҶДММ «Диёри сабз» (маълумотнома аз 20 январи соли 2024) мавриди истифодабарӣ ва тадбиқ қарор гирифтаанд.

**-муайян карда шуд,** ки хусусиятҳои соҳавии ширкатҳои сохтмонӣ аз дигар соҳаҳои фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ бо инфиродӣ будани лоиҳаҳои сохтмонӣ, марҳила ба марҳила иҷрошавии корҳои сохтмонӣ, беназирӣ, дарозмуҳлатии даври истеҳсолӣ, махсусиятҳои иҷроиши корҳои сохтмонӣ вобаста ба иқлим ва релефи маҳал, истифодабарии таҷҳизотҳои махсус ва мураккаб, истифодаи усулҳои махсуси баҳисобгирии хароҷот ва эътирофи даромад, зарурияти тағйир додани сохтор ва мутобиқ шудани он ба шароити тағйирёбанда бо таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ муайян мегардад. Мувофиқ ба ин хусусиятҳои номбаршуда низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои соҳа бояд тавре ҷорӣ карда шавад, ки иитилооти омодагардида дар қабули қарорҳо ҳамчун абзори рахнакунанда эътироф гардад;

**-офарида шуд:** методикаи баҳисобгирии хароҷот, ҳисоби дақиқи арзиши аслии корҳои сохтмонию васлгарӣ, амсилаи ҳисоби хароҷот ва муайянкунии натиҷаҳои молиявӣ аз фурӯши объектҳои сохтмонӣ дар асоси истифодаи нақшаи ҳисобҳо, намунаҳои ҳисоботи дохилӣ аз рӯйи марказҳои масъулият, методикаи тартибдиҳии буҷети амалиётӣ дар ширкати сохтмонӣ;

**-муаррифӣ карда шуд:** муаллиф имкониятҳои истифодабарии ду усули ташкили баҳисобгирии идоракунӣ бо истифода аз ҳисобҳои муҳосибиро

(*низоми мухтор (автономӣ) ва низоми муттаҳидшуда)* дар ширкатҳои сохтмонӣ таҳқиқ намуда ба хулосае омадааст, ки истифодаи низоми муттаҳидшуда (яъне усули дуюм) барои корхонаҳои сохтмонӣ хеле мувофиқ аст. Муаллиф амсилаи инъикоси маълумот дар ҳисобҳои муҳосибиро аз рӯйи низоми муттаҳидшуда марбут ба ҳисобгирии хароҷот ва натиҷаҳои молиявӣ аз фурӯш барои ширкатҳои сохтмонӣ дар шакли амсила пешниҳод намуда асоснокии истифодабарии ин равишро муфассал қайд намудааст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот нишон дод, ки:**

- **назарияи таҳқиқ** ба коркардҳои илмии олимони хориҷию ватанӣ дар самти муайянкунии консепсияи баҳисобгирии муҳосибӣ, баҳисобгирӣ ва назорати идоракунӣ, таҳлил ва аудит, хусусан таълифоти назариявии ин олимон вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда, инчунин рӯйдоду далелҳо аз *фаъолияти ширкатҳои сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст;*
- **ғояи таҳқиқот** бо таҳлили ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи қонунҳо, стратегия ва барномаҳои рушди соҳавӣ, таҳлили дастурҳо, баромадҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, санадҳои меъёрӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, фармонҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, маълумоти баҳисобгирӣ ва ҳисоботи идоракунии ширкатҳои соҳаи сохтмон, маводи конференсияҳо ва интишороти ба соҳаи баҳисобгирӣ ва назорати идоракунӣ тааллукдошта, сарчашмаҳои иттилоотии шабакаи «Internet», инчунин коркардҳои худи муаллиф асоснок шудааст;
- **аслият ва навгониҳои натиҷаҳои тадқиқот** оид ба такмил ва рушди методикаи баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ бо далелҳои мушаххас аз фаъолияти корхонаҳои зикршуда ва тавсияҳои методии коркардшуда тасдиқ шудаанд;
- **истифодаи усулҳои махсус,** таҷрибаҳои гузаронидашуда, боэътимодии маълумоти истифодашуда, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди маълумот аз таҷрибаи ширкатҳои сохтмонии ватанӣ, интишорот оид ба натиҷаҳои таҳқиқот аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлилҳои илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти назариявию амалӣ пешниҳод шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ аз коркарди тавсияҳои методӣ ва амалӣ оид ба мукаммал гардонидани низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат бо мақсади рушди фаъолияти корхонаҳои соҳаи сохтмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

- мукаммал намудани методикаи пешбурди· баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ ба мутобиқ намудани ин низом бо хусусиятҳои соҳа ва омилҳои ба соҳаи сохтмон таъсиррасон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад, ки он боиси боло рафтани рақобатпазирии корхонаҳои сохтмонӣ ва ширкатҳои ба иҷроиши корҳои

сохтмонию васлгарӣ машғулбуда дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва ҷаҳонишавӣ, тақвияти ҳамкории шарикии истеҳсолкунандагон ва харидорон, ҷалби ҳар чи бештари сармоя ба соҳа ва болоравии сифати корҳо ва объектҳои сохтмонӣ мегардад;

- муаллиф методикаи ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ ва назоратро дар корхонаҳои сохтмонӣ баррасӣ намуда, пешниҳоду тавсияҳоро барои мукаммалгардонии онҳо кор карда баромадааст. Натиҷаҳои ҷудогонаи тадқиқоти дисертатсиониро ҳангоми коркардабарории муқаррароти назариявӣ ва методологӣ оид ба такмили усулҳои рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои соҳаи сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан бамаврид мебошад;

- натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаллиф дар раванди таълимии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ (маълумотномаи №27/184 аз санаи 15 феврали соли 2024) мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҳамчунин, натиҷаҳои илмии диссертатсия ва тавсияҳои методии коркардшуда дар низоми баҳисобгирии муҳосибии ҶДММ ИИИ «Бехатарии саноатӣ» (маълумотномаи № 7 аз 19 феврали соли 2024), ҶДММ «Диёри сабз» (маълумотнома аз 20 январи соли 2024) тадбиқ гардидаанд;

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 11 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 5,6 ҷ.ч., аз он ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст;

- натиҷаҳои асосии тадқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявие, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои 2021-2024 баргузор гардидаанд, аз ҷониби муаллиф ба тариқи маърӯза баён гардидаанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-003 санаи 10.05.2025 қарори сазовор донистани Икромова Малоҳат Холовна бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктори илм 4 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар узви Шуро, ки дар маҷлис иштирок доранд, 14 нафар овоз доданд. Натиҷа: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раисикунанда,**
**узви шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и., Собирзода Н.М.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ Бобиев И.А.**
**10.05.2025**